# Коррупсия - зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ

Коррупсия ба рушди босуръату бомароми иқтисодиёт таъсири манфӣ расонида, эътимоди халқро нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ коста мегардонад. Бинобар ин, ҷиҳати муқовимат ба коррупсия мунтазам чораҳои ҳуқуқиву ташкилӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Муқовимат ба коррупсия ҷузъи муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ташаккули заминаҳои боэътимоди ҳуқуқию ниҳодӣ ва ҷалб намудани аҳли ҷомеаро тақозо менамояд. Дар замони имрӯза коррупсия яке аз мушкилоти умумибашарӣ ба ҳисоб рафта, дар тамоми соҳаҳои гуногуни ҷомеа ҳамчун фаъолияти ҷинояткорона дониста мешавад. Вобаста ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намуданд, ки бо назардошти он ки коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани сатҳи он ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил дода шудааст. Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, дар ин самт тадбирҳои муайян роҳандозӣ мешаванд.

Алҳол коррупсия дар ҷомеа бо маънои гуногун, аз ҷумла бо маънои ришва додан, суйистифода аз мансаб, пораситонӣ, судхурӣ, хушомад намудан, сохтакорӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳо, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ва хешутаборчигӣ фаҳмида мешавад. Худи маънои коррупсия аз ду калимаи лотинии «correi» – якчанд иштирокчӣ аз як гурӯҳ ва «rumpere» – шикастан, зиён расонидан, аз байн бурдан ва бекор кардан иборат мебошад. Ва баъдан коррупсия бо маънии бо роҳи мукофотдиҳӣ ба худ моил кардан, яъне харида гирифтани шахсони мансабдор ва ба манфиатҳои шахсӣ истифода бурдани вакалатҳои хизматии шахсони мансабдор ифода гардидааст. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мафҳумҳои коррупсия чунин пешбинӣ мешавад - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ. 2 Мафҳуми коррупсияро Конгресси 9-уми Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун суистеъмол аз ваколатҳои хизматӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ муайян намудааст. Яке аз самтҳои афзалиятноки мубориза бар зидди коррупсия ин пешгирии омилҳои корупсионӣ бо ҷалби тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

31 октябри соли 2003 «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» қабул карда шуд, ки дар он принсипҳои асосии мубориза бо коррупсия, номгӯи чорабиниҳои муҳими зиддикоррупсионӣ, чораҳои пешгирии коррупсия барои давлатҳои аъзо пешбинӣ шудаанд. Дар навбати худ 9 декабри ҳамон сол дар шаҳри Меридаи Мексика дар конфронси сиёсии сатҳи олӣ маросими баимзорасонии ин санади муҳим баргузор гардид.

Дар ин замина 9-уми декабр ҳамчун «Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия» бо ташаббуси Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид дар тамоми ҷаҳон эълон карда шуд. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадамҳои устувори худро дар самти мубориза бо коррупсия гузошта, тамоми заминаҳои ташкилию ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Баъди ба тасвиб расонидани «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди коррупсия» яъне шуруъ аз 25-уми сентябри соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати имрӯза зиёда аз 20 санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» ва «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Точикистон», «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Дар бораи Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз ҷумлаи онҳост.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» зери мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фаҳмида мешавад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун субъекти муҳиме эътироф карда шудааст. Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун принсипи муҳими муқовимат ба коррупсия муайян шудааст. Воқеан, нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия муҳим буда, иштироки онҳо тавассути боло бурдани шаффофияти фаъолият ва беҳтар сохтани дастрасӣ ба иттилоот амалӣ карда мешавад. Бидуни дастгирии ҷамъиятӣ ва ҷалби васеи мардум мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар раванди муқовимат ба коррупсия бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Дар ин самт тарбияи таҳаммулнопазирӣ бо коррупсия, таҳкими арзишмеҳварӣ ва боло бурдани боварии мардум ба натиҷабахшии сиёсати зиддикорупсионӣ муҳим бошад арзёбӣ мегардад.

Хулоса, муқовимат ба коррупсия вазифаи ҳар як узви ҷомеа буда, зарур аст, ки фаъолият дар ин самт бо ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди ҷомеа ба роҳ монда шавад. Зеро, танҳо тавассути муқовимат ба коррупсия ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ имконпазир мегардад.

**Дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДИД Хоҷаев М.**